

# МАН МЕТАВОНАМ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**МУАЛЛИФОН:**

**Умеда Мунавварова**
ҳамоҳангсози барномаи ТСМ, Каритас Олмон

**Холмаҳмад Тенгниев**
роҳбари Иттиҳодияи нобиноёни ш. Душанбе

**Нилуфар Абдураҳмонова**
котиб-қироатчии Иттиҳодияи нобиноёни Тоҷикистон

**Илҳом Табаров**
мудири шуъбаи тавонбахшии ПЭТИТМ

**Майсара Юсупова**
мураббияи кӯдакистони №79, ш. Душанбе

**Меҳрубон Одинаева**
мутахассиси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шукрона Сатторова**
хонандаи синфи 10, мактаби миёнаи №89

**Муҳаррир: Абдуаҳад Бобоҷонов**, муҳаррири ТВТ
**Аксбардор: Парвин Саадатӣ**, Oren TV
**Давлатбегим Завқибекова**

**Мушовир: Барбара Колуки**

**Такмили китоб: ҶДММ “ArtAREA”**



Ин китоб бо дастгирии саховатмандонаи Лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият (UNPRPD) таҳия шудааст.



Номи ман Аниса. Ман чорсола ҳастам ва
Шуморо шунида наметавонам.
Аммо ман бисёр корҳоро метавонам.



Ман ба боғча меравам.



Ман расми зебо
кашида метавонам.



Ман аз қуттичаҳо хонача
сохта метавонам.



Ман дастони ранголудамро
ба коғаз гузошта метавонам.



Инчунин ман метавонам дастони ранголудамро ба рӯйи дугонаам гузорам.




Ман метавонам бо дастонам
хоҳишамро бигӯям ва номи он
забони имову ишора аст.



Ман рақс карда метавонам.
Пойҳои ман ҳангоми таблакзанӣ
садоро ҳис мекунанд.



Ман ҳамаро дӯст медорам.



Дигарон низ маро дӯст медоранд.




Оё Шумо ҳам
мисли ман метавонед?

Ин китобча намунае аз силсиламаводи мусбати иртиботӣ оид ба ҳаёти кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дар Тоҷикистон мебошад. Он барои кӯдакон таҳия шуда, бахше аз маъракаи фарогирии кӯдакону калонсолони дорои маъюбият дар саросари кишвар аст.

Силсиламаводи инноватсионии мазкур дар ҷараёни давраи омӯзишию амалии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 8-уми апрели соли 2017 баргузор гардид, аз ҷониби як гурӯҳ иштирокдорони болаёқат таҳия шудааст.

Китобчаи «Ман метавонам!» дар бораи Аниса ном духтараки дорои маъюбият ҳикоят мекунад. Гарчанде Аниса ношунавост, ҳар саҳар ба кӯдакистон меравад ва ин ба вай хеле писанд аст, чунки дар он ҷо дӯстони зиёд дорад ва бо онҳо бозӣ мекунад. Ӯро калонсолон ва ҳамсолонаш дӯст медоранд. Аниса духтараки зиндадил, кунҷков ва чусту чолок буда, аз уҳдаи бисёр амалҳо баромада МЕТАВОНАД ва аз ин хеле ХУШБАХТ аст.

Агар фарзанди шумо дорои маъюбият бошад, умедворем, ки аз хондани ин китобчаи тоҷикии фарогири ҳаёти ҳама кӯдакон хушҳол хоҳад шуд. Агар фарзанди шумо дорои маъюбият набошад, ин китобчаро метавонед бо мақсади омода кардани ӯ барои шиносоӣ, пазироӣ ва дӯстӣ бо дилхоҳ кӯдак истифода кунед.

## Баъзе маълумоти муҳим дар бораи шахсони дорои маъюбият

- Шахсони дорои маъюбият ва бемаъюбият назар ба фарқ бештар умумият доранд.
- Одам ҳар қадар бо кӯдак ё шахси калонсоли дорои маъюбият бештар вақт гузаронад, ҳамон андоза тарсу ҳароси ӯ камтар мешавад.
- Муҳити беҳтарин барои инкишофи кӯдакони дорои маъюбият оила мебошад. Кӯдаконе, ки дар оилаи худ ба воя мерасанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ бештар осебнопазиранд ва хубтар инкишоф меёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият қобилияти омӯхтани чизҳои зиёдеро доранд, ба шарте ки аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеаи худ дастгирӣ ёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият аксаран дар якҷоягӣ бо кӯдакони бемаъюбият беҳтар меомӯзанд ва инкишоф меёбанд.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият метавонанд шахсони комил, хушбахт ва фоидаовар бошанд, агар барои онҳо дастрасӣ ба таҳсилот, тавонбахшӣ ва имкониятҳои баробар фароҳам шуда бошад.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дилсӯзиро нисбат ба худ намепазиранд, балки хоҳони меҳрубонӣ, эҳтиром ва имкониятҳои баробар ҳастанд.
- Маъюбият «ҷазо» аз тарафи Худо нест. Он аз як шахс ба шахси дигар намегузарад.
- Кӯдакони дорои маъюбият ҳуқуқ ба дастгирӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногун – тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ доранд.

ҲАР ЯКИ МО – ТАВОНО!